“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор
Ибодуллозода А.___________
«_02_»___12___2024с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Ба диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзӯи “Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 -Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

Ибодов Нурали Ҳасанович, соли таваллуд 16.02.1992, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2014 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи милли Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси “Суғурта” ва соли 2016 шуъбаи магистратураи донишгоҳи номбурдаро аз рӯи ихтисоси “Молия ва қарз” хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 2019 ба ҳайси докторанти PhD кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ факултети иқтисодиёт ва идоракунии маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент дохил шуда, онро соли 2022 хатм кардааст.

Солҳои 2016-2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Номбурда солҳои 2020-2021 хазинадори МХБ “Амонатбонк”. Аз соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси муҳосиби пешбари идораи танзим ва назорати марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” кор ва фаъолият менамояд.

Дар асоси нақшаи таълимии шуъбаи омоданомии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ, докторант (PhD) Ибодов Нурали Ҳасанович дар ҳаҷми 180 кредит иҷро намуда, имтиҳони маҷмӯиро супоридааст.

Мавзуи рисолаи илмии Ибодов Нурали Ҳасанович тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28 феврали соли 2020, №8/6.2 дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар

Тоҷикистон» зери роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло Султонович тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Султонов Зубайдулло Султонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия -Тоҷикистон.

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Суғуртаи тиббӣ яке аз механизмҳои самарабахши таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ барои аҳолӣ, молиякунонии соҳаи тандурстӣ ва дар ин баробар такмили системаи моддӣ техникии соҳаи тибб баҳри солимии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷаҳони муосир, давлатҳои дорои иқтисоди пешрафта моделҳои гуногуни суғуртаи тиббиро ҷорӣ намудаанд, ки ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби бахши хусусӣ дастгирӣ меёбанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи ташкили суғуртаи тиббӣ ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, пешрафти назаррас ва ҳалли мушкилоти мавҷуда зарур аст. Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, масъалаҳои марбут ба маблағгузории хизматрасониҳои тиббӣ, сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ ва норасоии танзими қонунгузорӣ монеаҳои асосӣ ба ҳисоб меравaнд.

Вобаста ба зарурияти ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ моҳи декабри 2024 иброз доштанд, ки: «...тайи чанд соли охир мо бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро, ки кормандони он дар шароити бисёр номусоид фаъолият мекарданд, ба истифода додем. Инчунин, даҳҳо беморхона ва дигар муассисаҳои тиббиро, ки 70 – 80 сол пеш сохта шуда буданд, таҷдиду азнавсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудем. Умуман, дар 33 соли соҳибистиқлолӣ, ғайр аз таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо 3076 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуд»[1]. Дар баробари ин, ҳоло ҳам дар шаҳру ноҳияҳо инфрасохтори соҳаи тандурустӣ ба шароити имрӯза ҷавобгӯ намбуда, хизмтрасониҳои тиббӣ босифат бинобар норасоии кадрӣ ба аҳолӣ расонида намешавад. Дар ин замина, самтҳои асосии молиякунонии соҳаи тандрусутӣ дар татбиқи суғуртаи тиббӣ мебошад, ки он ҳамчун механизми молиякунонӣ барои беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи тандурустӣ дар ин баробар баланд бардоштани маоши кормандони соҳаи тандурустӣ хизмат хоҳад намуд.

Ҳамин тариқ, барои татбиқи суғуртаи тиббӣ ва самтҳои молиякунонии соҳаи тандурустӣ дар ин баробар беҳтар намудани сатҳи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ММОҶТ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Душанбе - 28.12.2024.

даромаднокии аҳолӣ аз ҳисоби коҳиш додани хароҷотҳо барои нигаҳдорӣ ва ёрии тиббӣ ба суғурташудагон омӯзиши махсусро талаб менамояд. Вобаста ба ин, масъалаҳои таҳияи муқаррароти илмӣ, методӣ ва назариявии марбут ба ташаккул, рушд, фаъолият, инчунин роҳҳои имконпазири тадбиқи пурраи суғуртаи тиббӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми афзалиятҳо ва маҳдудиятҳоро барои он муайян мекунанд, мубрам буда, барои омӯзиш мувофиқ мебошад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи "Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктори аз рӯи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба бандҳои 7.1., 7.2., 7.4., 7.5., 7.6. ва 7.7. мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Муҳтаво ва муқаррароти диссертатсия бо як қатор барномаҳои давлатии марбут ба рушди низоми андозӣ-молиявӣ мутобиқат намуда, онро дар татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ки бо ҳам робитаи зич доранд, омода карда шудааст.

**4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУЪ:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

[1-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Механизми молиявии суғуртаи тиббӣ ва равишҳои назариявӣ ба сохтори ташкилии онҳо [Матн] / Н.Ҳ. Ибодов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №. 4/2(70). – С. 75-85. ISSN: 2664-0651

[2-М]. Ибодов Н.Х. Таҳлили вазъи имрӯзаи низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З. С. Султонов, Н. Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 6-2. – С. 159-169.

[3-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ғ. Д. Ашуров, Н. Ҳ. Ибодов // Идоракунии давлатӣ. –Душанбе, - 2022. – С. 1(55). – С. 15-22. ISSN: 2664-0651

[4-М]. Ибодов Н.Ҳ, - Моҳияти иқтисодӣ, сохтор ва усулҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар низоми ҳимояи иҷтимоӣ [Матн] / Н.Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, - 2021.-№03(4). – С. 180-184. ISSN: 2219-5408

[5-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Бозори суғурта ва нақши он дар рушди иқтисодиёти мамлакат [Матн] / Ҳамдамзода З.Р., Аюбов Д., Н.Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе – Душанбе, 2019. -№6. – С.167-170. ISSN: 2413-5151

[6-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Фаъолияти суғурта дар низоми хизматрасониҳои молиявӣ [Матн] / Ғ. Д. Ашуров, Н. Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2018. – №. 4(25). – С 85-90. ISSN: 2308-054X

[7-М]. Ибодов Н.Х. Анализ инвестиционного проекта в сфере природопользования Республики Таджикистан: современное состояние и уровень использования [Текст] / Ф. П. Арабов, Н. Х. Ибодов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2018. – № 3(251). – С. 90-94. ISSN: 2076-2569

**ДАР ДИГАР НАШРИЯҲО:**

[8-М]. Ибодов, Н.Х. Экономическое социальное значение и основные условия государственного социального страхования в современных условиях. / Н. Х. Ибодов // Материалы Международной научно-практической конференции на тему: ИНТЕГРАЦИЯ НАУК - 2021: - [Электронный ресурс]. Издательство: Краснодарский ЦНТИ - филиал ФГБУ «РЭА» Минэнерго РФ, Краснодар. -2021.,97-105.

[9-М]. Ибодов, Н.Ҳ. Самаранокии Сармоягузории соҳави дар шароити баландкӯҳи Ҷумҳурии Тоҷикистн. / Н. Ҳ Ибодов, З.Р. Ҳамдамзода, Ҷ. Қараева, // Маводҳои онференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (7-8 июни 2019

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Хулосаҳо ва пешниҳодоти натиҷаҳои бадастомада дар конфронсҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми омӯзиши роҳҳои мукаммалгардонии суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар шароити муосир истифода шуданд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар кор асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ ҳамчун воситаи методӣ истифода бурда шудаанд (санади татбиқ аз 05.11.2024 №03/977) ва инчунин вобаста ба самтҳои фаъолияти ташкилоти суғуртавии Такаффул ба инобат гирифта шудаанд (санади татбиқ 28.10.2024 №15).

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи докторант баамал омадааст. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок карда, нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст. Докторант мустақилона маводи мавзуи таҳқиқотиро ҷамъоварӣ карда, онҳоро коркарди илмӣ намуда, дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмил додани суғуртаи ихтиёрии тиббӣ бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст.

**Қарори ҷаласа**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 -Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз); тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло Султонович; баромади муқарризон – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсентон Шарипов У.А. ва Гурезов С. оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Ибодов Нурали Ҳасанович ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айнӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 -Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва

қарз) ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 -Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 16 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 16 нафар

зид - нест

бетараф - нест

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айнӣ аз 30 ноябри соли 2024, протоколи №4 қабул шудааст.

Раис:
номзади илмҳои иқтисодӣ
дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Ғафорзода Ҷ.Ғ

Котиб:
ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Дустова Н.

Имзоҳои Ғафорзода Ҷ.Ғ ва Дустова Н. -ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода А.
«02» 12 2024с.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС